# 12935 - Ҳадиси «Ҳар кас ба ризқу рӯзии кам аз Аллоҳ розӣ шавад ...».

### савол

Дараҷаи ҳадиси қудсии **«Ҳар кас ба ризқу рӯзии кам аз Аллоҳ розӣ шавад, Аллоҳ аз амали ками ӯ розӣ мешавад»** чӣ гуна мебошад?

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадисро Байҳақӣ дар китоби "Шуабу-л-имон" (7/204) ривоят кардааст.

Дар санади ин ҳадис Исҳоқ ибни Муҳаммад Ал-Фаравӣ вуҷуд дорад, ки ӯро Насоӣ, Абудовуд ва Доракутнӣ заиф донистаанд.

Ниг: "Мизону-л-иътидол" (1/351) ва "Таҳзибу-т-таҳзиб" (1/217).

Ҳофиз Ироқӣ ин ҳадисро дар "Тахриҷу-л-иҳё" (4/334) заиф донистааст.